# МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.07.2006, №310 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ»-и назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.09.2006, №849 «Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ»-и назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти хадамоти таълимию методиро дар Сарраёсат, раёсат, шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ танзим менамояд.

Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи мустақили сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, назорату омӯзиш ва такмили мазмуну мундариҷаи таълим, расонидани ёрии амалии таълимию методӣ ба муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, татбиқи методу усулҳои нави таълим дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва сатҳи дониши хонандагон, назорату мусоидати амалишавии стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва тақвият додани ёрии амалии таълимию методӣ дар муасиссисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст.

Марказ ёрии амалии таълимию методиро дар самти такмили мазмуну мундариҷаи таълим, татбиқи усулҳои фаъоли таълим, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, беҳтар намудани фаъолияти марказу кабинетҳои методӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба методу усулҳои таълим дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои махсуси таълимию тарбиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, марказҳои таълимию омӯзишӣ, Академияи хурди илмҳо, муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд, муассисаҳои таълимии назди вазорату кумитаҳо, Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ, ки намояндагиҳои он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад.

Ҳамзамон сомонаҳои муассиса бо нишонии www.omuzgor.tj, www.mjtm.tj ташкил карда шудаанд.